# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи **Бозоров Хушвахт** “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)).

Рисолаи доктории унвонҷӯ Бозоров Хушвахт - “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” воқеан ҳам қобили эътибор ва эътироф буда, ба коркарди низоми мураттаби таълими забони тоҷикӣ  дар синфҳои ибтидоӣ дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар таҷриба санҷидашуда бо назардошти синну соли хурди мактабии хонандагон бахшида шудааст.

Мехоҳем чанд нуктаи муҳимро дар бобати таҳқиқоти анҷомёфта тазаккур диҳем. Пеш аз ҳама, унвонҷӯ дар заминаи пажуҳиши асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) дар синфҳои ибтидоӣ бозёфти роҳу усулҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагонро дар заминаи ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона ва инкишофи зеҳнии онҳо муяссар шудааст.

Таваҷҷуҳи муаллиф ба таҳлили вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ, сифати китобҳои дарсӣ, бознигарии барнома, силлабусҳо ва дастурҳои таълимӣ, маводи дарсии марбути фанни забони модарӣ собит кардааст, ки фаъолияти ташаккулдиҳандаи мустақилонаи таълимӣ дар робита бо имконоти зеҳнию  нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ бояд қарор ёбад.

Диссертант таълими забони модариро дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ намуда, ба моҳият ва мазмуни аслии муносибати босалоҳият ба таълим равшанӣ андохтааст. Дар айни замон муаллифи рисола мушкилоти мавҷударо дар самти

татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим мушаххас кардааст. Дар рисолаи докторӣ методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилона дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол, низоми мураттаби машқҳо ва матнҳои таълимӣ дар робита ба ташаккули нутқи мураттаб корбаст ва пешниҳод гардидааст.

Муаллиф дар баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳое, амсоли таҳқиқи асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, минҷумла, бозёфти роҳу усули ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона дар роҳи инкишофи зеҳнии талабагон, мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ, таҳлили вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ, мутобиқати китобҳои дарсӣ бо барнома ва дастурҳои таълимиро мавриди назар ва пажуҳиш қарор додааст.

Муаллифи рисолаи докторӣ дар роҳи муайян намудани метод ва усулҳои босамари таълими забони модарӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим, сабабҳои мавҷудияти нофаҳмиҳо дар мавриди татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим ибрози ақида намуда, маҷмуи машқҳоро дар робита ба ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона дар рушди зеҳнии талабагон коркард ва пешниҳод намудааст. Натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо далелу аснод ва хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст шудааст.

Тазаккур медиҳем, ки бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар робита бо муносибати босалоҳият ба таълим ба амал оварда шуда, мушкилот дар самти татбиқи амалии ин падидаи нав ошкор гардид.

Тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона ҳини омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон собит кард, ки дар заминаи матнҳо ва машқҳои гуногун талабагон ба фазои салоҳияти забонӣ ва

коммуникативӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълимӣ хубтар ва амиқтар ворид мешаванд. Зимни амсилаи таълимии пешниҳодшуда пешравӣ ва салоҳиятмандии хонандагон дар муқоиса ба таълими анъанавии забони тоҷикӣ баргузида эътироф шуда, татбиқи он дар асоси низоми пешниҳодшуда мусбӣ арзёбӣ шудааст.

Дар диссертатсия системаи машқҳо, супоришҳо ба хотири вусъати сатҳи забондонии талабагони хурдсол пешниҳод гардида, самаранокии онҳо бо истифодаи чунин усулҳо, аз қабили суҳбат, муколама, кор бо матн, шарҳи вожаҳои душворфаҳм, шарҳи истилоҳот, интихоби синонимҳо, антонимҳо, тартиб додани нақшаи матн собит гардидааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, маъруза ва баромадҳои зиёд инъикос ёфтаанд.

Автореферати мазкур бо забони хеле суфта ва илмӣ таҳия гардида, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) ҷавобгӯ ва муаллифи он Бозоров Хушвахт сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Мукарриз:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои форсӣ-хитоии ДХХ ба номи акад. Б.Ғафуров Муродӣ Низомиддин

**Маълумот барои тамос:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Тел:** +992 (92) 777 39 92 (моб.) **E-mail:** murodinizomiddin@mail.ru

Имзои Н.Муродиро тасдиқ мекунам:

**Сардори РК ва КМ ДДХ :** Хусейнова З.С.

6.12.24